# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод шудааст**

Забони тоҷикӣ дар заминаи осори гаронбаҳои фарзонафарзандони тоҷик аз марҳилаву давраҳои таърихӣ аз насл ба насл мегузарад. Дар ин раванд вижагиҳои забон тавассути эҷоди шоирону нависандагон, олимону донишмандон, муаррихону муҳаққиқон муайян мегардад. Вобаста ба ин, омӯзишу баррасии осори, махсусан, шоирону адибон, ки аз ҷумлаи соҳибон ва барандагони забон давраҳои гуногуни ташаккулу инкишофи забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд, дар илми забоншиносии тоҷик аҳаммияти бузург дорад. Пайдоиш, ташаккул ва такомули ҳар як забон ва, махсусан, таркиби луғавӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ, таърихӣ ва фарҳангии соҳибони он алоқаи ногусастанӣ дорад. Қисмати луғавӣ-маъноии забон зинаи аввалу муқаддимотӣ ва меҳварии он маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии таркиби луғавӣ ва семантикаи воҳидҳои забони осори шоирону адибон ниҳоят муҳим аст.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Шафоати Сангиаҳмад дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ аҳаммиятдор дар забони тоҷикӣ, алалхусус, дар улуми луғатшиносӣ ва маъношиносии тоҷикӣ ва назарияи забон маҳсуб меёбад.

Муаллифи диссертатсия хусусиятҳои луғавии осори Хоқонии Шервониро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст, ки яке аз шоирони тоҷикзабони садаи XII Озарбойҷон ҳисобида мешуд.

Автореферати диссертатсия аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо тақсим мешаванд. Дар муқаддима сухан дар бораи муҳиммияти интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори диссертатсия меравад.

Дар боби **якуми диссертатсия** «Доир ба маъно ва маъношиносӣ», ки дорои чаҳор зербоб мебошад, вобаста ба масъалаҳои назариявии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши назариявии маъно ва маъношиносии луғавӣ аз таърихи омӯзиши маъно, ҳамчунин, объекти таҳқиқи маъношиносӣ, оид ба маънои луғавии калима ҳамчун воҳиди меҳварии забон, ҳамчунин хелҳои маънои луғавӣ ва хусусияти онҳо дар низоми луғатшиносиву

маъношиносӣ ва ҷойгоҳу мавқеи тарзи ифодаи таносуби маъноӣ мавриди натиҷагирӣ қарор гирифтааст.

Боби **дуюми диссертатсия** «Таносуби маъноии воҳидҳои луғавӣ дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ» номгузори шуда чаҳор зербобро дар бар мегирад. Дар боби мазкур баррасии вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва услубии хелҳои муродифоти ашъори шоир, нигоришу корбурди навъҳои мутазод – луғавӣ ва матнии осори шоир дар заминаи намунабайтҳо, таҳлили луғавии омонимҳои пурра ва нопурраи ашъори шоир ва вижагиҳои вожаҳои сермаъно дар таҳлили семантикаи воҳидҳои луғавӣ мавриди пажӯҳиши хосса қарор гирифтааст.

«Таснифоти мавзуии семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ» боби **сеюми диссертатсия**ро дар бар мегирад, ки дорои 6 зербоб мебошад. Асоси боби мазкур ба масъалаҳои вожаҳои ифодагари хулқу атвори неку бади шахс, ифодаи маънои вақту замон, вожаҳои ифодагари узви бадан, маънои вожаҳои хешовандӣ, вожаҳои ифодагари шуғлу мансаб ва касбу кор, оид ба маънои луғавӣ ва коннотативии номи ҷонварон дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ бо мисолу далелҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар ин рисола ҷолиби диққат он аст, ки дар соҳаи забоншиносӣ бори нахуст масъалаҳои назариявии маъно ва семантикаи воҳидҳои луғавии ашъори Хоқонӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Дар хулосаи умумӣ муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардаи худро ҷамъбаст намудааст, ки дорои қимати назарраси назариявию амалӣ мебошад. Ҳамчунин, феҳристи адабиёти илмӣ мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд. Муаллиф хеле мушикофона ва бо сарфи заҳматҳои зиёд дар кушодани гиреҳи боз як соҳаи забоншиносӣ баррасии вижагиҳои луғавии забон дар мисоли осори Хоқонӣ муваффақ шавад ва натиҷаҳои хуби илмӣ ба даст оварад.

Автореферати диссертатсия бо забони тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муҳаққиқ ба мазмуну моҳияти диссертатсия ва автореферат мувофиқат мекунанд.

Доир ба эродҳо гуфта метавонем, ки муаллифи диссертатсия дар кори диссертатсионӣ адабиёти зиёди илмиро истифода кардааст, вале иқтибосоварӣ аз муҳаққиқони машҳури дохиливу хориҷӣ хеле кам ба назар мерасад. Ҳамчунин дар якчанд саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии диссертатсия ва фишурдаи онро ба ҳеҷ ваҷҳ намекоҳонанд.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати дисссертатсия, тибқи талаботи ҷории Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд, оварда шудааст.

Бо назардошти афзалиятҳои болозикр, диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тадқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи
таълими ибтидоии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», ________________ Шарифзода Шарифхон Хол.

Имзои номзади илмҳои филологӣ, Шарифзода Шарифхон Хол - ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» ________________ Исҳоқзода Муслиҳиддин Маҳмадраҷаб.

Суроғаи муқарриз:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел: (+992)8 (3222) 2-54-81, 2-22-53
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru.
Сомона: www.btsu.tj

«30» «05» 2026